**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11 декабри соли 2025, № 29**

Бораи сазовор донистани Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.02-Таърихи ватанӣ.

Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) 3-юми октябри соли 2025, протоколи №21-и шурои диссертатсионии 6D.КОА–093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич 7 сентябри соли 1983 дар ноҳияи Варзоб дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Ӯ соли 2001 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17–и деҳаи Деҳмалики ноҳияи Варзоб ва соли 2006 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Аз соли 2006 то соли 2018 ассистент ва аз соли 2018 то имрӯз ҳамчун муаллими калон дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ғафуров Абдулло Мутиллоевич.

**1.** Муқарризони расмӣ: Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад-доктори илмҳои таърих, иҷрокунандаи вазифаи профессор, директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи

идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Неъмонов Беҳрӯзҷон Зарёевич - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Холмуродзода Меҳрафрӯз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ ҷамъбаст карда шуда, аз ҷиҳати мазмуни илмӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ сазовор аст. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 12 интишори илмӣ оид ба мазмуни диссертатсия дорад, ки аз ин шумора 1 ададаш монография мебошад ва 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Дар интишороти диссертант нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Монография:**

[1-М]. Маҳмуд Д. Нусратулло Махсум / [Матн] Д. Маҳмудов., Ф. Абдурашитов - Душанбе, 2018. –146 с.

**Интишороти унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА низди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[2-М]. Маҳмудов Д. Нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон. / [Матн] Д. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – № 5(100). – С. 381-384 ISSN 2219-5408.

[3-М]. Маҳмудов Д. Саҳми Нусратулло Махсум дар бартараф намудани ихтилофҳои дохилии Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри XX. / [Матн] Д. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –2022. – № 6-1(101). – С. 323-328 ISSN 2219-5408.

[4-М]. Маҳмудов Д. Нусратулло Махсум дар шинохти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон. / [Матн] Д. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2023. – №. 6(107). – С. 239-244 ISSN 2219-5408.

[5-М]. Маҳмудов Д. Нусратулло Махсум ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон. / [Матн] А. Ғафуров., Д. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. – №. 6 (107). – С. 232-238 ISSN 2219-5408.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо чоп шудаанд:**

[6-М]. Маҳмудов Д. Нақши Нусратулло Махсум дар торумори дастаҳои Фузайл Махсум. / [Матн] Д. Маҳмудов // Нусратулло Махсум – ҷонфидои давлату миллат (маҷмуаи мақолаҳо). –Ғарм, 2019. –С. 91 – 100.

[7-М]. Маҳмудов Д. Моҷарои тилло дар хонадони Нусратулло Махсум. / [Матн] Д. Маҳмудов // Босмачиён дар таърих: нигоҳи нав ба ҳаводиси куҳан. –Ғарм, 2019. –С. 97 – 102.

[8-М]. Маҳмудов Д. Ҳамкориҳои Нусратулло Махсум бо Артиши Сурх ва саркӯб шудани охирин моҷарои Фузайл Махсум. / [Матн] Д. Маҳмудов // Артиши Миллӣ – сипари боэътимоди Ватан. (Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 феврали соли 2023). –Душанбе, 2023. –С. 184 – 193.

[9-М]. Маҳмудов Д. Саҳми Нусратулло Махсум дар рушди маорифи тоҷик. / [Матн] Д. Маҳмудов // Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Маводи конференсияи илмӣ – методии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров, 23 декабри соли 2023). –Душанбе, 2023. –С. 226 – 230.

[10-М]. Маҳмудов Д. Мақоми Нусратулло Махсум аз нигоҳи Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон. / [Матн] Д. Маҳмудов // Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик. (Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик», Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 29 апрели соли 2025). –Душанбе, 2025. –С. 164 – 168.

[11-М]. Маҳмудов Д. Хиёнат ва ҷасорат. / [Матн] Д. Маҳмудов // Илм ва ҳаёт. – 2010. № 10 – 12. –С. 9 – 12.

[12-М]. Маҳмудов Д. Дунё ҳамеша дар талаби марди оқил аст. / [Матн] Д. Маҳмудов // Илм ва ҳаёт. – 2018. № 1.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

1. Мамадазимова М. М. – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедриаи бойгоншиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

2. Ёғибекова Бека - номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи санъатшиносии Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон.

3. Шарофзода Эраҷ – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ.

4. Мирзоев Мирзо - номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Дар умум, тақризҳо мусбат буда, дар онҳо таъкид мешавад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи таъйинкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Дар такризҳо ҷанбаҳои навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Ҳамчунин, дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) ва доир ба масъалаҳои гуногуни ҳодисаҳои таърихии солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ: Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX **коркард карда шуд:**

- ***ошкор менамояд, ки*** муҳимтариин хизмати Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ барқарор кардани адолати таърихӣ мебошад, ки дар натиҷаи он соли 1929 дар ҳайати ИҶШС ҷумҳурии нав бо номи аҳолии бумии он–тоҷикон ба вуҷуд омад. Ягон давлати дигари аз ҷониби аҷдоди мо дар гузашта ташкилшуда дар номи худ этноними "тоҷик"–ро ифода намекард.

- ***пешниҳод шудааст, ки*** Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ, ки дар таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929 нақши калонро бозида буданд, заминаҳои таърихиро барои қабули эъломияи истиқлол дар соли 1991 гузоштанд. Аз ин нуқтаи назар, Нусратулло Махсумро метавон таъинкунандаи сарнавишти миллати худ ва пешвои воқеии ҷомеаи замони худ номид;

-***исбот шудааст:*** Нусратулло Махсум яке аз аввалин нафароне дар водии Қаротегин буд, ки бо мақсади дастгирии сохти шуравӣ фаъолона ба корҳои ташвиқотию тарғиботӣ алайҳи душманон машғул шуд. Ӯ ба

мурочиатномаи ҲК Бухоро такя карда, мубориззаро алайҳи душманони сохти шуравӣ роҳбарӣ мекард. Фаъолияти самарабахши ӯро ба назар гирифта, шуруъ аз соли 1921 ба ӯҳдааш вазифаҳои калидиро гузоштанд. Ба шарофати қобилияти ташкилотчигӣ Нусратулло Махсум дар як давраи кӯтоҳ аз намояндаи қатории Комитети озуқавории ҶХШ Бухоро то раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон расид;

- *ҷорӣ намудани* натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик», курсҳои дигари махсус оид ба таърихи давраи навтарин, таҳияи филмҳои бадеию ҳуҷҷатӣ аз сарнавишти қаҳрамонҳо, аз ҷумла Нусратулло Махсум дар шароити давлатдории миллӣ, бо мақсади таҳкими худшиносии миллии ҷомеа.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** бори аввал саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифт. Дар рафти таҳқиқ усулҳои илмии омӯзиш доир ба мавзуи мақоми Нусратулло Махсум дар ташаккул ва тараққии Тоҷикистон дар давоми солҳои 20-30-юми асри XX ба роҳ монда шудааст. Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро метавон дар навбати аввал ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқӣ ҳангоми пажуҳиши масоиле, ки бо давраи таҳқиқшаванда алоқаманд мебошанд, истифода намуд. Ба ғайр аз ин, онҳоро ҳангоми тартиб додани барномаҳо ва такмили адабиёти таълимии таърихи халқи тоҷик, барномаҳо, курси лексияҳо, баргузор намудани курсҳои махсус истифода бурдан мумкин аст;

- *баён шудани* вазъи сиёсию иқтисодӣ дар бекигарии Қаротегин ҳамчун зодгоҳи Нусратулло Махсум то Инқилоби Октябри соли 1917, заминаҳои ташаккули тафаккури сиёсии Нусратулло Махсум, ворид шудани Нусратулло Махсум ба корҳои ҳизбию ҷамъиятӣ дар Қаротегин ва саҳми ӯ дар дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоии водӣ;

- *ошкор гардидани* сабаби ҳодисаҳои сиёсии солҳои 20-ум ва муайян намудани ҷой ва нақши Нусратулло Махсум дар ин марҳила, нақши Нусратулло Махсум дар раванди бунёди Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтори шуравӣ, бунёди аввалин идораҳои давлатию ҳизбии Тоҷикистон ва саҳми Нусратулло Махсум дар ин самт, ҷойгоҳи Нусратулло Махсум дар раванди таъсиси ҶШС Тоҷикистон;

- *омӯхта шудани* сабабҳои фаъолияти зиддишуравии босмачиҳо ва баррасии иштироки Нусратулло Махсум дар мубориза алайҳи онҳо, нақши Нусратулло Махсум ҳамчун роҳбари ҷумҳурӣ дар дигаргуниҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҳимояи ин дастовардҳо, ҳодисаҳои фоҷиабори солҳои 30-юми асри XX ва сабабҳои репрессия шудани Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ;

-*аз нав такмил додани т*аърихи таъсис ва ташаккули Тоҷикистон дар солҳои 20 – 30-юми асри XX ва нақши Нусратулло Махсум дар раванди ин дигаргунсозиҳо ва ташаккули хоҷагии халқ.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

*-коркард ва ҷорӣ карда шуданд:* натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмию амалии олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маъруза баён гардидаанд;

- *муайян карда шуд,* ки мавод, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот зимни тарҳрезии масъалаҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ, раванди таълим ва омӯзиши фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои махсус оид ба таърихи давраи навтарин ба таври васеъ истифода бурда шавад. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқи мазкур метавонад зимни навиштани асарҳои алоҳида, брошюра ва мақолаҳои алоҳида истифода шавад. Хулосаҳои таҳқиқот ва таҳлилҳои илмии дар рисола ҷойдошта барои муайян намудани ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ ҳангоми таълифи асарҳои ҷомеи бунёдӣ оид ба таърихи таърихи халқи тоҷик метавонанд мавриди истифода қарор гиранд;

- *офарида шуд:* бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ;

- *муаррифӣ карда шуд:* Нақши Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки** дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

*-ғояи* таҳқиқот дар заминаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, асару мақолаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ - оммавӣ, асарҳои ёдоштӣ, хотираҳои пайвандон, мусоҳибаҳои диссертант бо пиронсолони зодгоҳи Нусратулло Махсум, инчунин дигар асноди расмии давлатӣ *асоснок шудааст;*

*-истифода шудаанд:* маводи бойгонӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, маълумоти оморӣ, асарҳои таърихии бунёдӣ, монографиҳо, мақолаҳои илмӣ ва маводи матбуоти даврӣ, инчунин асарҳои ёддоштӣ;

*-муайян шудаанд:* вазъи сиёсию иқтисодии бекигарии Қаротегин ҳамчун зодгоҳи Нусратулло Махсум то Инқилоби Октябри соли 1917, оғози раванди шаклгирии андешаҳои сиёсии Нусратулло Махсум дар муҳити зодгоҳ ва солҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Фарғона, ворид шудани Нусратулло Махсум ба корҳои ҳизбию ҷамъиятӣ дар Қаротегин

ва саҳми ӯ дар дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳамин водӣ, вазъи сиёсии нимаи аввали солҳои 20-ум ва муайян намудани ҷой ва нақши Нусратулло Махсум дар ин марҳила, нақши Нусратулло Махсум дар раванди бунёди Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтори шуравӣ, бунёди аввалин идораҳои давлатию ҳизбии Тоҷикистон ва саҳми Нусратулло Махсум дар ин самт, ҷойгоҳи Нусратулло Махсум дар раванди таъсиси ҶШС Тоҷикистон, нақши Нусратулло Махсум ҳамчун роҳбари ҷумҳурӣ дар дигаргуниҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҳимояи ин дастовардҳо, ҳодисаҳои фоҷиабори солҳои 30-юми асри XX ва сабабҳои репрессия шудани Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ.

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои муқоисавию таърихӣ, муқоисавию таҳқиқотӣ, таҳлили оморӣ, услуби назарияи таърихшиносӣ, солномавӣ-масъалагузорӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо, пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ ва равиши омехтаи соҳавӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, илмию оммавӣ, шифоҳӣ ва адабӣ истифода карда, баъди таҳлилу муқоисаҳои зиёди илмӣ таҳқиқотро анҷом додааст. Барои комил намудани мавзуи таҳқиқшаванда, ба зодгоҳи Нусратулло Махсум рафта, бо пайвандони ӯ мулоқоту суҳбатҳо ороста, бисёр ҷанбаъҳои норӯшани фаъолияти қаҳрамонро рӯшан намудааст.

Дар маҷлиси 11 декабри соли 2025 (аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар ҳузур доштанд) шурои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) 5 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих — Бобоев Х.Ю.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори фалсафа
(PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих — Мирзоев Ш.Ҷ.

11 декабри соли 2025